## СУРАТҶАЛАСАИ №11

аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 31-уми марти соли 2023 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 8 нафар, 6 нафар аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМА

2. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи **Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович** дар мавзуи **"Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Бегимов Ҳусен Худоёрович)** ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи дуюми рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, ҳозиринро бо аризаи довталаб **Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович** дар бораи қабули диссертатсия, автореферат ва ҳуҷҷатҳои ӯ барои баррасӣ шинос намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-КОА026 профессор Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович** – автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳо, тибқи талаботи банди 57-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба тартиб даровардa шуда, ба унвони Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» пешниҳод шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ **Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович** барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович** дар мавзуи **“Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика”** **барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)** барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **И.Д. Файзиев** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
- **Ш.А. Шаропов**- доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо;
- **А.А. Азизов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.

3. Комиссияи ташхисии назди Шуро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод менамояд

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор –** 8 нафар, **зид –** нест, **бетараф -** нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.